«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода Қ.Х.
_______________
«___» _____.10_____ 2020

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи «Хусусияти грамматикӣ ва лексикии муарработи забони форсӣ (тоҷикӣ) дар забони арабӣ (аз рӯйи маводи «Фарҳанги ҷомеи корбурдии Фарзон»)-и Парвизи Атобакӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – забонҳои халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (забони форсӣ) дар кафедраи филологияи араби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

Тураев Абунаср Маҳмадхоҷаевич аз соли 2013 дар факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон кор мекунад. Ӯ соли 2013 факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси Шарқшинос хатм кардааст.

Роҳбари илмии ӯ доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи филологияи араби ДМТ Сулаймонов Саидраҳмон мебошад. Мавзӯи диссертатсия дар Шӯрои олимони факултети забонҳои Осиё ва Аврупои ДМТ дар таърихи 30.09.2014 , қарори № 1 тасдиқ шудааст.

Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:

Омӯзиши вижагиҳои сарфиву наҳвӣ ва лексикии муарработи забони форсӣ (тоҷикӣ) дар забони арабӣ яке аз мавзуъҳои муҳимми забоншиносӣ маҳсуб мешавад. Унвонҷӯ Тураев Абунаср Маҳмадхоҷаевич масъалаи мазкурро бар асоси маводи «Фарҳанги ҷомеи корбурдии Фарзон»-и Парвизи Атобакӣ анҷом додааст. Маълум аст, ки ташаккули ҳар як забон бо

таърихи пайдоиш ва барқароршавии лексикаи он алоқамандии зич дорад, зеро лексика ё худ фонди луғавии забон зербино ва пойбасти онро ташкил медиҳад. Бунёдҳои асосии ҳар як ҷомеа чун сиёсат, одобу русум, пешаҳо, машғулиятҳо ва абзору воситаҳои зиндагонӣ, ҳамеша мавриди дигаргунӣ ва таҳаввулот қарор гирифта, забон низ дар зери таъсири онҳо ба дигаргуниҳо ва тағйирот дучор мегардад.

Лексикаи забон новобаста аз шакли пешинаи вожагону калимаҳо ва ҷойгоҳи онҳо дар фонди луғавии забон бо назардошти вазъи кунунии он, ба ду бахш тақсим мешавад: лексикаи аслӣ ва лексикаи иқтибосӣ. Равшан аст, ки лексикаи аслӣ зербинои ҳар як забони миллиро ташкил медиҳад ва зери мафҳуми лексикаи иқтибосӣ он қисмати калимаҳоро пеши назар доранд, ки барои таъмини эҳтиёҷоти рӯзмарраи ҷомеа аз забони бегона қарз гирифта мешаванд. Дар забоншиносии муосири тоҷик яке аз масъалаҳои қобили мулоҳиза омӯзиши таъсири мутақобилаи забонҳои форсии тоҷикӣ ва арабӣ маҳсуб меёбад. Забонҳои мазкур таърихи дуру дарози фарҳангӣ ва таъсири муштарак доранд, ҳарчанд ки шомили фарқиятҳои сохториву решагӣ мебошад. Маълум аст, ки забони арабӣ ба оилаи забонҳои сомӣ ва забони форсӣ (тоҷикӣ) ба хонаводаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ мансуб мебошанд. Бо тақозои равандҳои таърихии ҷомеа ин ду забон дар тӯли таърихи чандинҳазорсолаи худ бо ҳамдигар таъсири мутақобилаи забонӣ ва фарҳангӣ дошта, ба сохтори грамматикӣ ва низоми лексикии якдигар таъсиргузор гардидаанд, чизеро пазируфтаанд ва худ низ чизе ба якдигар пешкаш кардаанд. Аз ҷониби дигар, ҳар як забон, пеш аз ҳама, дар асоси фонди луғавӣ ва имконоти дохилии худ рушду ташаккул меёбад. Вале бо тақозои замон ҳамаи забонҳои ҷаҳон дар тӯли таърихи худ бо иқтибосоти ахзшуда аз забонҳои дигар барои ниёзмандиҳои худро таъмин намудаанд. Забони арабӣ низ дар ин ҷода истисно набуда, дар таърихи пешрафту таҳаввули худ аз забонҳои ҷаҳон, махсусан забони форсӣ (тоҷикӣ), маҷмуи калимаҳоеро ба орият гирифтааст, ки дар забоншиносии араб бо номи "муарработ" *(калимаҳои арабишуда)* машҳур аст, вале то ба ҳол вижагиҳои фонетикӣ, морфологӣ ва

семантикии онҳо ба таври шоиста омӯхта нашудааст. Аз ин хотир таҳқиқи муарработ барои забоншиносии форсӣ (тоҷикӣ ва арабӣ) ахамияти калонро доро мебошанд. Аз ҷумла, омӯзиши ин масъала имкон фароҳам меоварад, ки замони воридшавии муарработи форсӣ (тоҷикӣ)-ро ба забони арабӣ муайян сохта, даврони оғози муносибатҳои байни он ду забонҳоро муайян намоем. Омӯзиши муарработ имконият фароҳам меорад, ки ба масъалаи аз кадом давраи таърихӣ оғоз гардидани робитаҳои забониву фарҳангии форсизабонон бо мардуми соминажод равшанӣ андохта шавад. Дар робита ба ин, бояд тазаккур намуд, ки форсизабонон бо сомиён аз ҷумла арабҳо аз ҷиҳати таърихӣ на баъди интишори Ислом алоқаҳои мухталифи сиёсӣ, адабию забонӣ, фарҳангӣ ва динӣ барқарор кардаанд, балки тибқи маълумоти сарчашмаҳо, манбаъҳои таърихӣ ва маводи фаровони адабии адабиёти араб ва адабиёти пурғановати форсӣ (тоҷикӣ) робитаҳои эрониён бо арабҳо аз даврони Ҳахоманишиҳо ва шояд аз он пештар оғоз гардида. Бо назардошти нуктаҳои пажӯҳиши мавзӯи забоншиносии форсӣ (тоҷикӣ) ва арабӣ дорои арзиши баланд мебошад.

Мақсади аслии омӯзиши муарработи форсӣ (тоҷикӣ) дар калимасозии забони арабии муосир, аз як тараф муайян кардани марзу андозаи таъсири забони форсӣ (тоҷикӣ) бошад, аз ҷониби дигар, таъйини таърихи воридшавии муарработи форсӣ (тоҷикӣ) ба забони арабӣ ва ҷалби ҷомеи забоншиносӣ ба маводи «Фарҳанги ҷомеи корбурдии Фарзон»-и Парвизи Атобакӣ мебошад. Ҳамчунин дар рисола масъалаҳои мавқеъ ва ҷойгоҳимуарработи форсӣ (тоҷикӣ) дар пешрафту инкишофи забони адабии арабӣ, иштироки муарработ дар калима ва истилоҳсозии он мавриди омӯзиш қарор дода шуда, кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки аҳамияти онҳо аз назари илми забоншиносӣ таъйин карда шавад.

Унвонҷӯ ба мақсади амалӣ намуданӣ ҳадафи болоӣ вазифаҳои зерин, аз қабили; муайян кардани сабабҳо ва заминаҳои алоқаҳои мутақобилаи забонҳои форсӣ (тоҷикӣ) ва арабӣ, таҳлили вижагиҳои хосси равобити ҳарду забон пеш аз Ислом ва баъди он; гирдоварии муарработи форсӣ (тоҷикӣ) аз фарҳанги номбурда; таҳқиқу баррасии таркиби луғавии

муарработ аз нигоҳи мавзуи онҳо; анҷом додани таҳлили фонетикии муарработ; анҷом додани таҳлили сарфии муарработ; анҷом додани таҳлили маънoии муарработро анҷом додааст.

Тозагии мавзуи таҳқиқ дар он аст, ки дар асоси маводи «Фарҳанги ҷомеи корбурдии Фарзон» муарработ баъди гирдоварӣ ва тақсимбандии забоншиносӣ аз назари фонетикӣ, морфологӣ ва семантикӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, хусусиятҳои махсуси онҳо муайян гаштааст. Дар таҳқиқ ба масъалаи иштироки муарработи форсӣ (тоҷикӣ) дар забони адабии арабӣ ва тағйироти мухталифи забонии онҳо диққати махсус дода шудааст. Дар замимаи таҳқиқ луғати муарработи мавзуи мавриди таҳқиқ тартиб дода шудааст.

Аҳамияти илмии пажӯҳиши мазкур барои забони форсӣ (тоҷикӣ) дар шароити кунунӣ дар он зоҳир мешавад, ки бар мабнои хулосаҳое, ки тавассути таҳқиқу баррасии ҷанбаҳои сарфӣ ва маънoии муарработ роҷеъ ба баъзе вижагиҳои луғавӣ ва услубии онҳо, бахусус, роҷеъ ба қабатҳои луғавии лексикаи забони арабӣ, роҷеъ ба таъсири таърихии забони форсӣ (тоҷикӣ) ба забони арабӣ ва фондӣ луғавии он ба даст таърихи забони адабии арабӣ, лексикологияи таърихӣ, инчунин, таҳияи фарҳангу луғатномаҳои забони адабии арабӣ ва тоҷикӣ таълифу тадвин намуд. Маводи гирдовардаро дар омӯзиши лексикаи таърихии забони арабӣ, таълифи китобҳои дарсии таърихи забони адабии тоҷикӣ ва арабӣ, инчунин дар таҳияи фарҳангу луғатномаҳои забони адабии форсӣ (тоҷикӣ) метавон истифода кард. Ҳамчунин маводи таҳқиқгардидаро дар баргузории курс ва семинарҳои махсус дар факултетҳои шарқшиносӣ ва филологияи донишкадаву донишгоҳҳои ҷумҳурӣ ба сифати маводи таълимӣ истифода карда метавонем.

Диссертант дар раванди таҳқиқ аз методҳои умумиилмии мушоҳида, муқоиса, шарҳдиҳӣ, таҳлили семантикию сохторӣ, таҳлили муқоисавию таърихӣ истифода кардааст.

Мундариҷаи асосии диссертатсия дар 4 мақола дар журналҳои таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонидаи муаллифи рисола инъикос ёфтааст.

Диссертатсия кори илмии ба анҷомрасида буда, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои кишварҳои Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Америко ва Австралия (забони тоҷикӣ) мувофиқ аст.

Кафедраи филологияи Эрон ва филологияи араб бо натиҷагирӣ аз ҷаласаи якҷояи кафедраҳои мазкури ДМТ диссертатсияи унвонҷӯ Тураев Абунаср Маҳмадхоҷаевичро кори илмии ба анҷомрасидаи муҳиму мубраме меҳисобанд, ки дар сатҳи баланди илмию тадқиқотӣ таълиф шудааст ва ба ҳамаи талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Бо назардошти ин, диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забонҳои кишварҳои Аврупо, Осиё, Африқо, бумиёни Амрико ва Австралия (забони форсӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия менамоянд. Иштирок доштанд: 25 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор»-25 нафар, «зид»-0, «бетараф»-0, қарори №4 аз 19. 12. 2019

Мудири кафедраи филологияи Эрон
д.и.ф., профессор Сафаров Умархоҷа Раҳимович
тел: 985786711
почтаи эл: umar_safar@mail.ru
Мудири кафедраи филологияи араб
н.и.ф., дотсент Раҷабова Марҳабо Тухтасуновна
тел:987509968
почтаи эл: rajabova.marhabo@mail.ru
Котиби илмӣ: Абдулҳадов Ҷумъахон Зикруллоевич
Имзои: Сафаров У.Р., Раҷабова М.Т.
ва Абдулҳадов Ҷ.З.
«Тасдиқ мекунам»
Сардори раёсати кадрҳои ДМТ Тавқиев Э.Ш.